«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филология _____
Шарифзода Б.В.
«2» 03 соли 2021

ХУЛОСАИ

шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи «**Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) аз тарафи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Дар раванди омода намудани диссертатсия Холов Аълохуҷа Сайнозимович аспиранти шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ маҳсуб мешуд (солҳои 2015-2018).

Роҳбари илмӣ – Тоҷиддин Мардонӣ, доктори илмҳои филология, сарходими шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 01 апрели 2016, қарори № 3 тасдиқ шудааст.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсия муайян карда шуд, ки муҳиммияти мавзуъ, пеш аз ҳама, дар адами пажӯҳиши мушаххас ва ҷудогона, ки ба таҳқиқи таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз бахшида шуда бошад, зоҳир мегардад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Мақсади таҳқиқоти диссертатсияи мазкур муайян намудани таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз, ҳамчунин нишон додани мақоми Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти араб мебошад, ки дар натиҷаи он дараҷаи таъсири ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, муштаракоти мавзуӣ,

хусусан дар ашъори ирфонии Мавлоно Ҷомӣ муайян мегарданд. Рисола ҳалли вазифаҳои зеринро фаро гирифтааст:

– Мукаммал сохтани маълумоти зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Фориз дар Тоҷикистон;

– Таҳлили сохторӣ ва адабии девони Ибн ал-Фориз;

– Нишон додани таъсири эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба адабиёт ва фарҳанги араб;

– Баррасии шарҳҳои ашъори Ибн ал-Фориз ва муқоисаи онҳо бо якдигар;

– Нишон додани ҷойгоҳи шарҳи қасидаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар миёни дигар шарҳҳо;

– Таҳлили муқоисавии қасидаи "Тоия"-и Ибн ал-Фориз ва тарҷумаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ;

– Мавқеи шарҳи "Хамрия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ миёни шарҳҳои дигар;

– Таъсири мавзуии ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ;

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони варзида З. Сафо, С. Нафисӣ, А. Зарринкӯб, И.Ю. Крачковский, А.Е. Крымский, Э. Браун, Ян Рипка, В.М. Жирмунский, И.М. Фильштинский, Б.Я. Шидфар, Е.Э. Брагинский, Р. Ҳодизода, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, Т. Мардонӣ, А. Абдусаттор, Н. Зоҳидов, У. Ғаффорова, А. Сатторзода, Б. Мақсудов ва осори илмии бевосиати муҳаққиқони ҳамин самт М. Ҳилмӣ, А. Ҳикмат, Ҳ. Разӣ, С. Хуршо, А. Арберри, Р. Николсон, А. Шиммель, Е.Э. Бертельс, А. Афсаҳзод, М. Низомов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди Ибн ал-Фориз, мавзуоти муштараки ашъори орифон, зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Фориз, таъсири забону адабиёти араб ба эҷодиёти Ҷомӣ, мақоми Ҷомӣ дар фарҳангу маънавиёти араб ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

– Ибн ал-Фориз яке аз орифони машҳури адабиёти араб буда, дар рушду инкишофи ашъори сӯфиёна саҳми назаррас дорад ва инчунин донишмандони сӯфимашраби форсу тоҷик аз ӯ таъсир пазируфтаанд;

– Забону адабиёт ва фарҳанги араб ба осори асримиёнагии шоирону нависандагони форсии тоҷикӣ таъсири бузург расонида,

таълифоти Мавлоно Ҷомӣ низ аз ин раванд берун нест ва осори ӯ бад-ин васила обу ранги тозае ба худ гирифтааст;

– Осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар кишварҳои араб омӯхта шуда, асарҳои ҷовидонаи форсии тоҷикии шоири ориф пайваста ба забони арабӣ тарҷума ва интишор меёбанд;

– Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари таъсирпазирӣ аз адабиёти араб, ҳамчунин бо офаридани асарҳои арзишманд ба адабиёти араб ворид гардидааст;

– Абдурраҳмони Ҷомӣ беш аз ҳама аз орифи номвари араб Ибн ал-Фориз баҳраи вофир гирифта, дар заминаи ашъори ӯ чанд рисола ва қасида эҷод кардааст;

– Муайян намудани таъсири Ибн ал-Фориз дар асарҳои орифонаи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва бахусус шарҳи қасоиди ӯ;

– Таъсири қасидаҳои «Тоия» ва «Хамрия»-и Ибн ал-Фориз нисбат ба дигар ашъори орифи араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд;

– Масъалаҳои ишқу муҳаббати илоҳӣ, қурбу висоли маъшуқа, азияту озор ва ҳиҷрон, сабру шикебоӣ бар сахтиҳо ва амсоли инҳо ҳамчун мавзуоти муштарак дар эҷодиёти орифон маҳсуб мешавад.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия. Натиҷаҳо ва мулоҳизаҳои рисола метавонад барои нигориши таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ва араб, таърихи робитаҳои адабии миёни ду халқу фарҳанг, муайян сохтани таъсири адабиёти араб дар рушду такомули мавзӯву услубҳои адабиёти форсу тоҷики асри XV, дар мисоли эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва муаррифии мақоми Ҷомӣ дар адабиёти араб дар факултетҳои филологияи тоҷик ва араб мусоидат намуда, барои омӯхтани аҳвол ва осори орифи маъруфи араб Ибн ал-Фориз дар факултетҳои филологияи араб, тақвияти робитаҳои адабӣ, мураттаб сохтани воситаҳои таълимӣ дар курсҳои адабиёти муқоисавӣ, омода намудани таҳқиқи монографии ҳаёт ва осори Ибн ал-Фориз, инчунин барои хондани лексияҳо аз курсҳои махсуси адабиёти форсу тоҷик, адабиёти араб ва адабиёти татбиқӣ барои донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он хидмат карда метавонад.

Автореферат ва мақолаҳои ба табъ расидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

Диссертатсияи мазкур кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси

10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мувофиқ аст.

Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимовичро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳимму мубрам меҳисобад ва ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 11 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарори № 2 аз 2.03.2021

Мудири шуъба,
д.и.ф., профессор **Сатторзода А.**

Котиб **Мехрони А.**

Имзои А. Сатторзода ва Меҳрони А.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ **Нарзиқулова Ҳ.**

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221-70-30,
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
http://www.iza.tj

«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Ҳушвахтзода Қ.Х.
_____
«22» 06 2022

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович таҳти унвони “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) пешниход шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин, доктори илмҳои филология, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (01.04.2016, қарори № 3) тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар шуъбаи таърихи адабиёт (02.03.2021, қарори №2) ва Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (22.04.2022, қарори №4) баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти халқҳои гуногун бар якдигар яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёт буда, то имрӯз баъзе ҷанбаҳои он ба таври амиқ ва мушаххас омӯхта нашудааст. Дар ин миён адабиёти форсӣ-тоҷикӣ зимни нуфуз бар дигар халқу миллатҳои мухталиф аз таъсири адабу маънавиёти онҳо низ бар канор набудааст.

Таърихи робитаҳои адабиву фарҳангии араб ва мардуми форситабор хеле амиқ буда, решаҳои он ба замони Ҳахоманишиён мерасад. Дар қуруни минбаъда ин робитаҳо густариши зиёд пайдо карда, бахусус, пас аз зуҳури дини мубини ислом ва вуруди он ба сарзаминҳои Эрон ва Хуросону Моваруннаҳр бозтоби густардае ёфтааст.

Омӯзиши робитаҳои адабӣ ва таъсиру таассури намояндагони алоҳидаи адабиёти арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ паҳлуҳои ҷолибу таҳқиқнашудаи адабиёти татбиқиро мекушояд. Аз ҷумлаи шоирону орифони араб, ки бар эҷодиёти суханварони суфимашраби форсу тоҷик таъсир гузоштааст, Абуҳафс Умар ибн ал-Ҳасан (1180-1235) маъруф ба Ибн ал-Форизи Мисрӣ ва мулаққаб ба Султон-ул-ошиқин мебошад. Ӯ тараннумгари назми ишқи илоҳист ва девонаш саршор аз мазомини ишқу муҳаббат, ҳаҷру висол, дарди ҷудоиву сӯзи дилдор ва барҷастатарин сарояндаи ашъори суфиёна буда, шуарову адибони зиёди Арабу Аҷам аз эҷодиёти ӯ баҳра бардоштаанд.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) нисбат ба дигар шоирони орифи форсу тоҷик аз Ибн ал-Фориз бештар таъсир гирифтааст. Тақрибан дар тамоми асару рисолаҳои илмие, ки вобаста ба ҳаёту осори Абдурраҳмони Ҷомӣ таълиф шудаанд, танҳо ба василаи шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди Ибн ал-Фориз аз алоқаи эшон ҳарф задаанд ва аз чигунагии таъсиргузориву баҳрабардорӣ, муқоисаи шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди худи Ибн ал-Фориз ва дигар шореҳонаш, таъсири мавзуоти ашъори орифи араб чизе нагуфтаанд ва танҳо ба таъсири адабиёти араб бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ишораҳо дар ҳудуди мақолаҳо мавҷуданд.

Мавзуи таъсири адабиёти араб ва шуарои алоҳидаи араб бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, истиқболи сохтор ва мазмуни ашъори суханварони қадимаи араб, аз ҷумла, Имруулқайс, Фараздақ, ал-Мутанаббӣ, Ибни Арабӣ, Ибн ал-Фориз ва дигар шуарои араб, симои адабии Ибн ал-Фориз, сабку хусусиёти ашъор ва таъсири ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, мазомини муштараки ашъори Ибн ал-Фориз ва Ҷомӣ, мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти араб ва боз чанд масъалаи дигаре вуҷуд дорад, ки аз доираи тадқиқоту пажӯҳишҳои гузашта берун мондаанд. Муҳаққиқ дар рисола саъй намудааст, то масъалаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор ёфта, баъзе норасоиҳои мавзуи ҷомишиносӣ мукаммалтар омӯхта шавад.

Муаллиф дар рисола ба дастовардҳои илмии олимони ховаршинос ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, монанди М. Ҳилмӣ, М. Ғ. Ҳилол, Т. Надо, А. Ҳикмат, А. Зарринкӯб, С. Нафисӣ, З. Сафо, С. Хуршо, Ҳ. Разӣ, Э. Браун, А. Арберри, Р. Николсон, Ян Рипка, А. Шиммел, В.М. Жирмунский, Е.Э. Бертелс, И.Ю. Крачковский, И.М. Филштинский, Б.Я. Шидфар, Е.Э. Брагинский, А.Е. Кримский, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, Т. Мардонӣ, А. Абдусаттор, Н. Зоҳидӣ, У. Ғаффорова, А. Сатторзода, Б. Мақсудов, М. Низомов ва дигарон такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Ҳадафи асосии рисола муайян намудани таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз мебошад. Унвонҷӯ ҷиҳати расидан ба мақсаду ҳадафҳои худ ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– Муаррифии симои адабии Ибн ал-Фориз дар адабиёти муосири тоҷик;

– Таҳлили сохторӣ, сабкӣ ва хусусиятҳои адабии девони Ибн ал-Фориз;

– Зикри Абдурраҳмони Ҷомӣ дар сарчашмаҳои арабии асримиёнагӣ ва муосир;

– Таъсири фарҳанг ва адабиёти араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ;

– Муайян сохтани осори хаттии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар китобхонаҳои давлатҳои арабӣ ва интишори он;

– Нишон додани ҷойгоҳи шарҳи қасидаи “Тоия”-и Ҷомӣ дар миёни дигар шарҳҳо;

– Таҳлили муқоисавии қасидаи “Тоия”-и Ибн ал-Фориз ва тарҷумаи Абдурраҳмони Ҷомӣ;

– Мавқеи шарҳи “Хамрия”-и Ҷомӣ миёни шарҳҳои дигар;

– Таъсири мавзуии ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ.

Сарчашмаҳои асосии диссертатсияро нусхаи хаттӣ ва чопҳои гуногуни девони Ибн ал-Фориз, девонҳои Ҷомӣ, маснавиҳои “Ҳафт авранг”, “Нафаҳот-ул-унс”, “Баҳористон”, “ад-Дуррат-ул-фохира”, “Ашиъъат-ул-ламаот”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳҳои ашъор, бахусус, қасидаҳои “Тоия” ва “Хамрия”-и Ибн ал-Фориз, тарҷумаҳои арабии осори Ҷомӣ ва амсоли ин ташкил медиҳанд. Дар рисола ҳамчунин таҳқиқоти донишмандони хориҷиву ватанӣ ва мақолаҳои алоҳидае, ки марбут ба осори Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ таълиф гардидаанд, истифода шудааст.

Навгонии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар рисола бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди Ибн ал-Фориз, мавзуоти муштараки ашъори орифон, зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Фориз, таъсири забону адабиёти араб ба эҷодиёти Ҷомӣ, мақоми Ҷомӣ дар фарҳангу маънавиёти араб ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Натиҷаҳои пажӯҳиши мазкур метавонад зимни таҳлилу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносиву шарқшиносӣ, махсусан, омӯзиши

таъсири мутақобилаи фарҳангу забон ва адабиёти арабу форсу тоҷик, таъсири шуарои алоҳидаи араб бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шахсияти адабии Ибн ал-Фориз, сабку хусусиёти бадеии ашъор ва таъсири ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, мазомини муштараки ашъори Ибн ал-Фориз ва Ҷомӣ, маъруфияти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти араб ба кор гирифта шавад. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи ашъори Ибн ал-Фориз ва таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб мепардозанд, маводи фаровони назарӣ дода метавонад.

Автореферат ва 11 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант панҷтои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

1. Холов, Аълохуҷа. Таъсири шоири араб Фараздақ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2016, № 4/7 (217). С. 231-238.

2. Холов, Аълохуҷа. Таъсири баъзе масъалаҳои забон ва адабиёти араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2017, № 4/1. –С. 169-175.

3. Холов, Аълохуҷа. Саидуддин ал-Фарғонӣ – аввалин шореҳи қасидаи «Тоияи кубро»-и Ибн ал-Фориз / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2018, № 4/5. –С. 203-212.

4. Холов, Аълохуҷа. Таҳлили қиёсии қасидаи “Тоия”-и Ибн ал-Фориз ва тарҷумаи “Тоия”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ), 2021, № 2. –С. 132-144.

5. Холов, Аълохуҷа. Таъсири ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ), 2022, № 1. –С. 135-143.

Диссертатсияи номзадии “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мувофиқ аст.

Кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимовичро дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” бо назардошти таҳриру ислоҳоти баъзе иштибоҳоти имлоиву техникӣ кори илмии баанҷомрасида меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи

кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) ба ҳимоя тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 13 нафар, “зид” - 0, “бетараф” - 0, қарори № 11, аз 16-уми июни соли 2022.

Раиси ҷаласа: н.и.ф., дотсент,
мудири кафедраи филологияи араби ДМТ Рачабова М.Т.
тел.: (+992) 98-750-99-68
почтаи эл.: rajabova.marhabo@mail.ru

Котиби илмӣ: н.и.ф., дотсент Нуриддинова Ш.И.
тел.: (+992) 98-879-51-33
почтаи эл.: shahlo.n1974@mail.ru

Имзои Рачабова М.Т. ва Нуриддинова Ш.И.-ро
«Тасдиқ мекунам»
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

22. 06. 22